**Протоколи №28-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117 дар
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода

аз 24-уми июли соли 2026

ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шуро 11 нафар, 3 аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали 2026, №53/шд тасдиқгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Тарафдор? Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Давлатзода Муслим Сайбурҳон** дар мавзуи **“Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ).

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ – **Нағзибекова Меҳринисо Бозоровна** ва узви комиссияи экспертӣ – **Муҳиддинова Таҳмина Ҳамроқуловна** оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи **Давлатзода Муслим Сайбурҳон** дар мавзуи **“Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи **Давлатзода Муслим Сайбурҳон** дар мавзуи **“Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи **Давлатзода Муслим Сайбурҳон** дар мавзуи **“Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Азимова Матлюба Нуриддиновна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи типология ва забоншиносии муқоисавии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”;

– **Туйғунов Носир Ҳақбердиевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии **“Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”** пешниҳод мешавад;

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 3.10.2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ.Т.